Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Мирзозода Шаҳло Ҷума дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Рисолаи илмии Мирзозода Шаҳло Ҷума дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №15/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, пешниҳод шуда, ба меъёру талаботи муқарраршуда мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Пас аз касби Истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи фаъолият, зиндагӣ ва рӯзгордорӣ дар доираи қонун диққати махсус равона гардид. Дар ҷомеа кору фаъолият намуда, риоя накардану сармашқи кор қарор надодани меъёрҳои иҷтимоӣ, бавижа меъёрҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои муҳимми назария ва амалияи ҳуқуқшиносиро дар

замони муосир маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон ташкил медиҳад. Илова бар ин, инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъсири омилҳои фарҳангӣ ба шуури ҷомеа, косташавии ахлоқ, рушди техникаву технологияҳои рақамӣ, чараёнҳои муосири ҷаҳонишавӣ ва дигар омилҳо ба рафтору фаъолияти одамон таъсир расонида, масъалаи маромнокии рафтори ҳуқуқиро боз ҳам мубрам мегардонад. Бо дарназардошти риояи меъёрҳои иҷтимоии умумиэътирофгардида рафтори инсонро ба ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ ҷудо мекунанд. Аслан рафтори ҳуқуқӣ дар доираи меъёрҳои ҳуқуқ сурат гирифта, иҷрои бемайлони нишондодҳои ҳуқуқиро дар назар дорад. Рафтори ғайриҳуқуқӣ муқобили нишондодҳои ҳуқуқӣ буда, меъёрҳои ҳуқуқиро сарфи назар менамояд. Ҷавҳари асосии ин ду навъи рафтор, таносуб миёни онҳо, амал кардан дар доираи яке ва худдорӣ кардан аз дигаре масъалаҳоест, ки ба маромнокӣ пайвандии бевосита доранд. Мақсади ниҳоии ҳама гуна танзими ҳуқуқӣ таҷассуми меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёт мебошад. Таҷассуми меъёрҳои ҳуқуқӣ ва инъикоси онҳо дар фаъолияти шаҳрвандон тавассути маромнокии ҳуқуқӣ ба даст оварда мешаванд.

Мувофиқи моддаи 5 Конститутсияи Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Яъне дар асоси нишондодҳои моддаи 5 Конститутсияи кишвар ҳуқуқу озодиҳои инсон умуман дахлнопазиранд. Дахлнопазирии инсон маънои васеъ дошта, дар умум озод будани шахсро аз ҳама гуна дастгиркуниҳои беасос ва ҳабсҳои ғайриқонунӣ дар назар дорад. Рафтори ҳуқуқии шахс бояд, пеш аз ҳама ба эҳтиром ва арҷгузорӣ ба дахлнопазирии инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ нигаронида шуда бошад. Дар акси ҳол ҳама гуна рафтори инсон ғайриҳуқуқӣ ё ғайриқонунӣ ҳисобида мешавад.

Падидаҳои номатлуби иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа, маромнокии ангезаҳои ҳуқуқӣ ва рафтори қонунии инсон дар зери таъсири омилҳои объективӣ ва субъективӣ ташаккул мeёбанд, ки дар он инъикоси на танҳо муносибати мусбат нисбат ба қонун, воқеияти ҳуқуқӣ ё умуман

низоми ҳуқуқӣ, балки муносибати манфӣ низ ба ин ҷараён ё раванд хос аст. Инъикоси манфии зуҳури рафтори ғайриқонунии инсон, ин ба ҷуз боварии аз ҳад зиёди шахс ба озодии мутлақ ва иҷозатдиҳӣ ба ҳама кор, чизи дигаре нест ва натиҷаҳои манфии иҷтимоии ин амал ё беамалие мебошад, ки манфиатҳои қонунии иштирокчиёни ҷомеаро поймол ва ё вайрон мекунад. Бо дарназардошти ин, пажӯҳиши масъалаи маромнокии рафтори ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии кишвар муҳим, саривақтӣ ва рӯзмарра маҳсуб мешавад.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва натиҷаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода Шаҳло Ҷума дар он таҷассум меёбад, ки рисола дар доираи илми ҳуқуқи ватанӣ бори нахуст барои таҳияи намунавӣ ва оптималии назариявию ҳуқуқӣ кӯшиш карда шуда, дар он мафҳуми падидаи маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқии инсон, сохтори он, намуд ва хусусият, инчунин ангезаи он дар сатҳи монография ҳамаҷониба ва мунтазам таҳқиқ карда шудааст. Ҳамзамон рисола, аввалин пажӯҳиши илмии мукаммали масъалаи маромнокӣ дар рафтори ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносии ватанӣ буда, мафҳум, намудҳо, хусусият ва шаклҳои муҳимми маромнокиро дар рафтори ҳуқуқӣ, андешаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок пешниҳодшуда, навгонии тадқиқоти рисоларо ташкил медиҳанд. Рисоланавис вазифаҳои дар назди худ гузоштаро тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои муътамади таърихӣ-ҳуқуқӣ ва андешаву назари олимони дохиливу хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ, навгонии таҳқиқоти илмиро таъмин менамоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия бо таҳлили ҳамаҷонибаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалияи ҷанбаҳои гуногуни маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ва шаклҳои татбиқи онҳо, таҳлили натиҷаҳои умумии илмӣ ва хулосаҳо асос ёфтааст. Андешаҳо, тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ, муқаррарот ва тавсияҳои тадқиқоти илмӣ, омӯзиши мисоли вазъи кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар оид ба ин масъала, аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо барои истифода аз онҳо.** Аҳаммияти амалии тадқиқот дар он аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар он ифодаёфта метавонанд дар рафти такмили минбаъдаи механизми ташаккули маромнокии рафтори ҳуқуқӣ, баланд бардоштани самаранокии саъю кӯшиш ва фаъолияти субъектҳои амалисозандаи қонун, мақомоти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои таъсиррасони давлатамон самаранок хоҳанд буд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд, ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ барои донишҷӯён, унвонҷӯён, муҳақиқон истифода шаванд.

**Дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе масъалаҳои баҳснок дар рисола ба назар мерасанд ва ба Мирзозода Шаҳло Ҷума дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқоту пажӯҳишҳои ояндаи ӯ пешниҳод карда мешаванд, аз ҷумла:**

1. Унвонҷӯ дар зербоби якуми боби якум (саҳ. 34) аз давраи гузариши Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил вобаста аз ноустувории низомҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ мисол овардааст, аммо ба таври мушаххас қайд накардааст, ки кадом кишвари ИДМ-ро дар назар дорад. Инчунин хуб мешуд бо истифода аз усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ вазъи ноустувори низомҳои ҳуқуқиро миёни кишварҳои ИДМ ва дигар кишварҳо таҳлил карда, бо далелҳои илмӣ-оморӣ моҳияти онҳоро ошкор мекард.

2. Дар рисолаи илмӣ муаллиф иброз медорад, ки усули мукофотдиҳӣ шояд яке аз усулҳои самараноки ҳавасмандкунии ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои ҳуқуқ бошад (саҳ. 78-79) ва роҳҳои мукофотдиҳиро дар мисоли Федератсияи Россия ва қ. 1 моддаи 33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешкаш менамояд, ки аз асолати таҳқиқи мавзуъ пурра дур мондааст. Бисёр хуб мебуд, агар унвонҷӯ дар раванди ҳимоя ин мисолҳоро шарҳ медод.

3. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муаллифи таҳқиқот дар диссертатсия оид ба санадҳои банақшагирии стратегӣ вобаста ба масъалаҳои таъмини ҳуқуқи инсон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамуд.

4. Рисоланавис аз корҳои олимони ватанӣ ва осори ниёгонамон қисман истифода бурдааст. Хуб мебуд дар пажуҳишҳои оянда бештар ба олимони ватанӣ ва осори ғании ниёгонамон, ки дар баробари ҷанбаҳои ахлоқӣ, паҳлӯҳои ҳуқуқиро низ соҳибанд, бештар такя мекард.

5. Ҳамзамон аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки зимни пажӯҳишҳои оянда, аз ҷумла нашри монографияи илмӣ Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикиро, ки бо қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, риоя намояд. Риояи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ боз ҳам сифати рисолаи илмиро баланд менамояд. Аз муаллифи рисола хоҳиш карда мешавад, ки оид ба масъалаҳои зикргардида зимни ҳимояи ошкоро маълумоти мушаххасро пешкаши аъзои шурои диссертатсионӣ намояд.

Вале новобаста аз эроду тавсияҳои қайдгардида муҳтавои илмӣ ва мантиқи диссертатсия мукаммал боқӣ мемонад. Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсиониро паст накарда, асосан баҳснок ва ҷанбаи тавсиявӣ доранд. Автореферат ва интишороти илмии довталаб мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Унвонҷӯ дар маҷмуъ, муаллифи 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 2 китоби дарсӣ буда, аз ин шумора 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ интишор шудаанд. Ҳамаи онҳо бо моҳият ва мавзуи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 – юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Мирзозода Ш.Ҷ. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 – юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ аст. Сатҳи навгонии илмии рисола, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни таҳқиқот ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ аст. Зеро омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферати унвонҷӯ нишон медиҳад, ки он кори анҷомёфта буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои боэътимод мебошад. Пешниҳод ва хулосаҳои илмие, ки дар диссертатсия иброз гардидаанд, судманд ва саривақтӣ буда, онҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ хизмат хоҳанд кард.

Дар умум, Мирзозода Шаҳло Ҷума сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 –

Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат буда, тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.


**Муқарризи расмӣ:**
Мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ
ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи Раиси
шаҳри Душанбе, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саъдизода Ҷ.

**Суроғаи муқарриз:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти
иҷроияи ҳокимияти давлатии
шаҳри Душанбе, 734025,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 40.
Тел: +992 (37) **221-62-56**
+992 (37) **223-10-84**
+992 985383867
**E-mail:** dushanbe80@yahoo.com
E-mail: jahon 1967@mail.ru
https: www.dushanbe.tj


Имзои Ҷ. Саъдизодаро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе Сайдуллозода Ф.Ф.

«02» октябри 2024 сол.